Тақризи роҳбари илмӣ,

доктори илмҳои филологӣ Сафаров Умархоҷа Раҳимович ба диссертатсияи Шодиён Фархунда Тоҷиддин дар мавзуи «Мавқеъ ва аҳаммияти андарзҳои адабӣ-этетикӣ (гузингӯяҳо)-и Аҳмади Шомлу дар рушди адабиёти муосири Эрон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.17. Адабиёти халқҳои мамолики хориҷии Аврупо, Осиё, Африқо, бумиёни Амрико ва Австралия (адабиёти форсӣ) пешниҳод шудааст.

Дар ҷараёни фаъолияти илмӣ Шодиён Ф.Т. нишон дод, ки мустақилона аз уҳдаи иҷро намудани таҳқиқоти назариявӣ баромада метавонад ва инро мақолаҳои чопшудаи илмӣ ва диссертатсияи пешниҳод намудааш собит месозад.

Унвончӯ Шодиён Ф. Т., баъд аз анҷоми кори таҳқиқӣ рисоларо барои муҳокимаву баррасӣ ба кафедра пешниҳод намуд. Мавзуи диссертатсия комилан нав аст ва то ба ҳол дар эроншиносии ҷаҳон мавриди баррасӣ қарор нагирифтааст. Андарзҳои адабӣ-эстетикӣ (гузингӯяҳо) андешаҳои нодиру кутоҳи шоир перомуни ҷанбаҳои муҳимми адабиёт, хусусан шеъру шоирӣ, рисолати шоир, ҳунар, адабиёт, нақду нақднависӣ, анвои нақд ва ҳамзамон масоили дигаре мисли равшанфикру равшанфикрӣ дар ҷомеа, зиндагӣ ва ғайра мебошанд.

Муҳтавои диссертатсия ва натиҷаҳои он ба мавзуи таҳқиқӣ алоқаи зич дорад ва аз ҷиҳати масъалаҳои пажуҳишӣ ба **бандҳои 1, 10, 14 ва 15-и** «Соҳаҳои таҳқиқот» пурра ҷавобгӯ буда, ба талаботи шиносномаи ихтисоси илмии **6.2.17. Адабиёти халқҳои мамолики хориҷии Аврупо, Осиё, Африқо, бумиёни Амрико ва Австралия (адабиёти форсӣ)** комилан **мувофиқат мекунад.**

Диссертатсия дар инкишофу вусъати таҳқиқоти илмӣ дар пайванд бо шеъри муосири Эрон ва шеъри муосири тоҷик, ҷараёнҳои тозаи шеър ва ҳамзамон шинохту маърифати масири эҷодии шоири муосири Эрон А. Шомлу судманд хоҳад буд.

Натиҷа ва хулосаҳои илмии бадастовардаи унвончӯ Шодиён Ф. ҷанбаҳои амалии илми адабиётшиносии тоҷикро дар иртибот бо таҳқиқи

масъалаҳои алоқаманд бо адабиёти муосири Эрон, шеъри нав ва сапеди форсӣ, андарзҳои адабӣ-эстетикӣ (гузингӯяҳо) тақвият дода, вижагиҳои муҳтавоӣ ва зебошинохтии онҳоро баён месозанд.

Гузашта аз ин маводди диссертатсияро зимни навиштани мақола ва таълифи рисолаҳои илмӣ ҷиҳати баррасиву арзёбии масоили алоқаманд ва адабиёти муосир, махсусан, шеъри наву сапеди форсӣ, дар мавриди дигар паҳлӯҳои камомӯхташудаи шеъри муосири Эрон ва Тоҷикистон метавон истифода намуд.

Ҷанбаҳои назарӣ ва натиҷаҳои андӯхта аз таҳқиқ дар омӯзишу ҳаллу фасли бисёре аз масъалаҳои мубрами адабиётшиносии муосири тоҷик ҳамчун замина ва сарчашмаи муътамад метавонад қобили истифода бошад.

Зимни пажуҳиши мавзуъҳои марбут ба шеъри нави тоҷик, ҷараёнҳои тозаи шеърӣ, суннат ва навоварӣ дар адабиёт метавон аз маводи тарҳшуда дар диссертатсия истифода намуд.

Диссертатсия аз муқаддима, се боб ва фаслу зерфаслҳои мантиқан мураттабу пайдарҳам, хулоса ва рӯйхати сарчашмаву адабиёти истифодашуда иборат аст ва ҳаҷму мундариҷаи он ба талаботи диссертатсияҳои илмӣ ҷавобгӯй аст.

Довталаби дараҷаи илмӣ доир ба мавзуи диссертатсия **5 мақолаи илмӣ таълиф намудааст, ки аз ин теъдод 3 мақола** дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расидаанд. Мақолаҳои интишоршуда нуктаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ **мувофиқ мебошанд**.

Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмиро сатҳи дарки масъалаҳои дар диссертатсия баррасишуда, натиҷаву хулосаҳои асосии кор, муқаррароти ба ҳимоя пешниҳодшуда, ифодаи мустақилонаи нуқтаи назари ӯ ва маърузаҳояш дар конференсияҳо тасдиқ менамоянд.

Бо ҳамин тартиб, диссертатсияи Шодиён Фархунда Тоҷиддин дар мавзуи «Мавқеъ ва аҳаммияти андарзҳои адабӣ-эстетикӣ (гузингӯяҳо)-и

Аҳмади Шомлу дар рушди адабиёти муосири Эрон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси: 6.2.17. Адабиёти халқҳои мамолики хориҷии Аврупо, Осиё, Африқо, бумиёни Амрико ва Австралия (адабиёти форсӣ) пешниҳод шудааст, ба талаботи диссертатсияҳои илмӣ ҷавобгӯй буда, ҳамчун роҳбари илмӣ онро барои ҳимояи такрорӣ тавсия менамоям.

Роҳбари илмӣ:
доктори илмҳои
филологӣ, профессори кафедраи
филологияи Эрони факултети
забонҳои Осиё ва Аврупои
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Сафаров У.Р.

Нишонӣ: 734035, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, ноҳияи Фирдавсӣ,
кӯчаи Қаҳҳоров, гузаргоҳи 6, хонаи 11
Телефон: (+992) 98-578-67-11
E-mail: umar_safar@mail.ru

16-уми июни соли 2026.

Имзои Сафаров У.Р.-ро
тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Шодихонзода Э.Ш.

Нишонӣ: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.
Телефон: (+992-37) 221-62-25; факс: 227-15-10.
E-mail: info@tnu.tj

17-уми июни соли 2026.